**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «4» ноябри соли 2020 № 228/ои ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-035 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ба Вейсел Бигеч дар мавзӯи **«Таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва литсей-интернатҳои муштараки тоҷикӣ-туркии ҷамъияти таълимии “Шалола** аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика) бинобар ба талаботи бандҳои 10 ва 11 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ҷавобгӯ набудан, бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Вейсел Бигеч рад карда шавад.

3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Вейсел Бигеч барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Таҳсилот (суратҷаласа аз 26 августи 2020, №6) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2020, протоколи №4.

Раис А. Розиқзода